# Мавзӯи 7: Шартномаҳо ва технологияҳои рақамӣ

## Масъалаҳои умумии шартномабандӣ

Шартномабандӣ яке аз масъалҳои муҳим ба шумор меравад. Қисми зиёди ниёзҳои инсон, маҳз тавассути бастани шартномаҳо қонеъ карда мешавад. Дар замони ҳозира дастрасӣ ба технологияҳои рақамӣ ва интернет яке аз ниёзҳои асосии мардум ба шумор меравад. Барои дастрасӣ пайдо кардан ба тех нологияҳои рақамӣ маҳз бастани шартномаҳо мусоидат менамояд.

Шартнома созиши ду ё якчанд шахс барои ба вуҷуд овардан, тағйир додан ё қатъи ҳуқуқ ва ӯҳдадории граждани мебошад. Яъне, шартнома байни ду ва ё якчанд шахс баста мешавад. Онҳо шахсони воқеӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва сохторҳои дахлдори давлатӣ шуда метавонанд. Одатан ин шахсонро тарафҳои шартнома меноманд.

Тарафҳои шартнома ҳангоми бастани шартнома ҳуқуқ ва уҳдадориҳои гражданиро: **1)** ба вуҷуд меоранд; **2)** тағйир медиҳанд; **3)** қатъ менамоянд.

Ба вуҷуд овардани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои гражданӣ тавассути шартнома. Ҳангоми бастани шартнома тарафаҳои шартнома байни якдигар бомаслиҳат барои ҳамдигар ҳуқуқ ва уҳдадориҳоро муайян мекунанд. Масалан, дар шартномаи хариду фурӯш яке ҳуқуқ пайдо мекунад, ки ҳамчун харидор молро аз фурӯшанда гирад ва уҳдадор мешавад, ки маблағро ба фурӯшанда пардохт намояд. Фурӯшанда бошад ҳуқуқ пайдо мекунад, ки маблағи арзиши молро гирад ва уҳдадор мешавад, ки молро ба харидор пешниҳод намояд.

Тағйир додани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои гражданӣ тавассути шартнома. Агар байни тарафҳо шартнома баста шуда бошад ва ҳуқуқу уҳдадориҳо муайян шуда бошад, пас тарафҳо ҳар замон бо маслиҳат ва розигии якдигар метавонанд шартномаро тағйир диҳанд. Масалан, дар шартнома муайян шудааст, ки барои саривақт напардохтани маблағ, харидор 15% ноустуворона ба фурӯшанда месупорад. Аммо баъдан маълум мешавад, ки ин маблағ барои харидор хеле гарон аст ва тарафҳо онро 5% муайян мекунанд. Ҳуқуқи талаб кардани ноустуворона дар ҳаҷми 15% тағйир дода шуд ва акнун фурӯшанда ҳуқуқи талаб кардани 5% ноустуворона аз харидорро дорад.

Қатъ кардани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои гражданӣ тавассути шартнома. Ҳамагуна шартнома баъди замони муайяне хусусан вақте, ки тарафҳо ба мақсади худ мерасанд метавонад қатъ гардад. Яъне тарафҳо бо маслиҳат ва розигии якдигар метавонанд шартномаро пурра ё қисман қатъ намоянд. Масалан, дар шартномаи хизматрасонии алоқаи мобилӣ муштарӣ ба хулосае меояд, ки минбаъд ба хизматрасонии алоқаи мобилӣ ниёз надорад. Аз ҳамин сабаб маблағи моҳонаи хизматарсонии алоқаи мобилиро пардохт наменамояд. Дар шартнома навишта шуда буд, ки агар дар давоми се моҳ муштарӣ аз хизматрасонӣ истифода набарад, рақами муштарӣ баста мешавад ва тарафҳо шартномаро қатъшуда ҳисоб

менамоянд. Яъне бо ҳамин роҳ тарафҳо бо розигии якдигар ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худро қатъ намуданд.

Дар ҷараёни бастани шартнома тарафҳо мустақил мебошанд. Маҷбур кардан барои бастани шартнома иҷозат дода намешавад. Аммо дар қонунгузорӣ баъзе ҳолатҳое ҳаст, ки агар шахс беасос аз бастани шартнома даст кашида бошад, ӯро маҷбур кардан мумкин аст, ки шартнома бандад. Масалан, агар шаҳрванд барои пайваст шудан ба алоқаи мобилӣ муроҷиат намояд, аммо провайдер бо вуҷуди доштани имконот аз бастани шартнома даст кашида бошад, пас шаҳрванд ҳақ дорад ба суд муроҷиат намояд, ки провайдерро маҷбур барои бастани шартнома намояд. Зеро ин гуна шартнома хусусияти оммавӣ дорад ва провайдер ҳуқуқи беасос даст кашидан аз бастани шартномаро надорад.

Ҳангоми бастани шартнома тарафҳо озодона метавонанд ҳар масъалаеро, ки бо талаботи қонун зид нест байни ҳам маслиҳат кунанд ва ба созиш расанд. Масалан, тарафҳо ҳуқуқи бастани шартнома барои хариду фурӯши маводи мухаддирро надоранд, зеро муомилоти он бо қонун манъ шудааст. Аммо дилхоҳ маводе, ки муомилоташ бо қонун манъ  ва маҳдуд нашудааст, метавонанд озод байни ҳам доду гирифт намоянд. Муомилоти баъзе маводҳо манъ не, балки маҳдуд шудааст. Яъне муомилоти баъзе маводҳо бо иҷозатномаҳои махсус раво мебошад. Масалан, хариду фурӯши нӯшокиҳои спиртӣ, доруворӣ, хизматрасонии алоқаи мобилӣ танҳо дар асоси иҷозатнома мумкин аст. Яъне на ҳар кас фурӯшнада ё хизматрасонандаи чунин объектҳои муомилоташон маҳдуд мебошад, балки танҳо шахсоне ки иҷозатнома дар ҳамин соҳа доранд, чунин ҳуқуқ доранд.

Дар бисёр ҳолатҳо шартномаҳоро соҳибкорон омода карда ба муштариёнашон манзур мекунанд. Муштариён кам ҳолатҳое мешавад, ки бо тамоми матни шартномаҳо шинос шуда, онро дарк намоянд. Онҳо одатан ба нархи шартнома аҳамият медиҳанд ва дигар бандҳои шартномаро бисёр вақт ҳатто намехонанд.

Соҳибкорон барои мол, кор ва хизматҳои мерасонидаашон намунаи шартномаҳоро таҳия карда ба омма тавсия мекунанд, ки онро дар қонунгузорӣ шартномаи ҳамроҳшавӣ меноманд. Яъне муштариён ба ҳамин шартнома пурра розӣ шуда, ҳармоҳ мешаванд, ё ин ки рафта ягон моли дигарро интихоб мекунанд. Албатта соҳибкор метавонад бо муштариёни алоҳида боз шартномаҳои алоҳида баста дар он шартҳоро бо таври барои тарафҳо маъқул ба имзо расонанд. Аммо шартномаҳои ҳамроҳшавӣ, ки манзури муштариён шудааст, одатан бидуни илова ва тағйир аз ҷониби муштарӣ имзо карда мешавад.

Бастани шартнома ҷараёни воқеӣ мебошад, ки ба ҳар як ҳолати он аҳамият додан зарур аст. Пеш аз ҳама муайян кардан зарур аст, ки тарафҳо дар бастани шартнома кӣ мебошанд ва оё онҳо барои бастани чунин шартнома салоҳият доранд ё не? Масалан, аз номи шахсони ҳуқуқӣ одатан ҳуқуқи бастани шартнома роҳбарони онҳо доранд.

Баъдан, предмети шартномаро муайян кардан зарур аст. Зеро, предмети шартнома шарти муҳими шартнома мебошад, ки вобаста ба он ҳуқуқу

уҳдадориҳои тарафҳо пайдо мегардад. Масалан, дар шартномаи иҷораи манзил, манзили иҷорашавандаро мушаххас кардан даркор ва он предмети шартнома мебошад.

Нарх дар шартномаҳо яке аз масъалаҳои калидӣ мебошад, ки ба он ҳатман тарафҳо аҳамият медиҳанд. Нарх дар шартнома озод мебошад ва тарафҳо бо розигии якдигар муайян мекунанд (моддаи 456-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон). Аммо баъзе соҳаҳое ҳаст, ки нарх он ҷо аз ҷониби давлат танзим мешавад. Яъне фурӯшанда нархномаи худро бо мақомоти давлатӣ (Хадамоти зиддинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) мувофиқа менамояд . Масалан, агар соҳибкор дар ягон соҳа мавқеи ҳукмфармо ва инҳисориро ишғол кунанд, пас нархномаааашро бо Хадамоти зиддинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа менамояд. Вобаста ба ҳамин ҳолат санадҳои зерқонунии зерин қабул шудааст: Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2018, №257 "Дар бораи Низомнома оид ба тартиби ташаккул ва татбиқи нарху тарифҳои озод ба маҳсулоти таъиноти истеҳсолию техникӣ, молҳои ниёзи мардум ва хизматрасониҳо"; Қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 майи соли 2018, №287 "Дар бораи Номгӯи мол ва маҳсулоти аз ҷиҳати иҷтимоӣ зарурӣ, ки нархҳояшон таҳти танзими давлатӣ қарор дода мешаванд".

Баъдан, дигар шартҳоеро баррасӣ кардан даркор аст, ки дар қонун ҳамчун шарти муҳим арзёбӣ шудааст, ё ки худи тарафҳо онро зарур мешуморанд. Хусусан, ҳангоми бастани шартнома тарафҳо ба нарх, муҳлат ва дигар шартҳое аҳамият медиҳанд, ки ба назари онҳо муҳим мебошад.

Ҳангоми бастани шартнома оферта ва аксепт вуҷуд дорад. Оферта ин пешниҳоди як тараф барои бастани шартнома мебошад. Аксепт бошад қабул кардани он пешниҳод мебошад. Вақте ки як тараф мақсади худро барои бастани шартнома пешниҳод менамояд ва тарафи дигар онро қабул мекунад, дар чунин ҳолат шартнома баста мешавад.

Шартнома  асосан дар ду шакл баста мешавад: шифоҳӣ ва хаттӣ.

Шартномаҳоро метавон шифоҳӣ баст, ба истиснои чунин ҳолатҳо:

Агар худи тарафҳо ба хулоса омада бошанд, ки шартномаи байни онҳо хаттӣ баста шавад;

Агар қонун талаб намояд, ки шартнома бояд бо таври хаттӣ баста шуда дар нотариус тасдиқ карда шавад.

Агар қонун талаб намояд, ки шартнома бо шакли хаттии оддӣ баста шавад, вагарна беэътибор аст.

Се ҳолате, ки номбар шуд, ҳолатҳое мебошанд, ки шартномаҳо бояд ҳатман хаттӣ баста шаванд.

Инчунин шартнома дар ҳолатҳои зерин ҳатман дар шакли хаттии оддӣ баста мешавад:

Агар байни шахсони ҳуқуқӣ баста шавад;

Агар байни шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ баста шавад;

Агар байни шаҳрвандон ба маблағи зиёда аз 20 нишондиҳанда барои ҳисобҳо баста шавад.

Вобаста ба шартномаҳои хаттии оддӣ дар кодекси граждани як истисно муайян шудааст (дар моддаи 184-и КГ ҶТ). Агар шартнома дар лаҳзаи бастан иҷро шавад (масалан, шартномаи хариду фуруши чакана) новобаста аз ин 3 ҳолати номбаршуда, он метавонад шифоҳӣ баста шавад. Аммо агар дар қонун пешбинӣ шуда бошад, ки риоя нашудани шартномаи хаттӣ оддӣ боиси беэтибории он мегардад, пас шифоҳӣ бастани он раво нест. Инчунин, шартномаҳое, ки бояд бо тасдиқи нотариус анҷом шаванд, низ шифоҳӣ баста намешаванд.

Шартномаи хаттиро тарафҳо бо ду усул метавонанд бананд:

Як  шартномаи хаттӣ тартиб медиҳанд ва онро имзо мекунанд.

Тавассути почтаи электронӣ, почтаи муқаррарӣ ва ё дигар воситаҳои техникию электронӣ тарафҳо бо ҳам шартномаро мубодила менамоянд ва тасдиқ мекунанд.

Баъди бастани шартнома онро иҷро намудан зарур аст. Зеро шартнома бидуни иҷро ба тарафҳо фоида наоварда, балки зарар оварданаш мумкин аст.

Баъзан зарурати бекор кардан ва тағйир додани шартнома ба вуҷуд меояд. Дар моддаи 482-и КГ ҶТ имкони тағйир ва бекор кардани шартнома пеш аз ҳама ба салоҳияти тарафҳо вогузор шудааст. Яъне тарафҳо бо маслиҳати ҳамдигар метавонанд шартномаро тағйир ё бекор кунанд. Дар ин ҷо ягон мушкилот ба амал намеояд.

Аммо мушкилот вақте ба вуҷуд меояд, ки агар хоҳиши тағйир ва бекор кардани шартномаро як тарф дошта бошад ва тарафи дигар норозӣ бошад. Дар чунин сурат онҳо бояд ба суд муроҷиат кунанд.

Ҳамзамон дар моддаи 486-и КГ ҶТ ҳолатҳои тағйир додан ва бекор кардани шартнома мутобиқи аризаи яке аз тарафҳо муайян карда шудааст.

Шартномаро мутобиқи аризаи яке аз тарафҳо танҳо дар ҳолатҳои зайл тағйир додан ё бекор кардан мумкин аст:

а) агар иҷрои шартнома имконнопазир бошад;

б) аз ҷониби тарафи дигар вайрон кардани шартҳои пешбининамудаи қонунҳо ё шартнома дар мавриди сифат, мӯҳлати иҷро ва дигар шартҳо;

в) агар тарафи дигар тибқи тартиби муқарраргардида муфлис эътироф шуда бошад;

г) агар санади мақомоти давлатӣ, ки дар асоси он шартнома баста шуда буд, тағйир дода ё бекор карда шуда бошад;

д) дар ҳолатҳои дигари пешбининамудаи қонунҳо ё шартнома.

**Шартномаҳо доир ба истифодаи интернет ва алоқаи мобилӣ**

Дар ҷараёни истифодаи технологияҳои рақамӣ интернет ва алоқаи мобилӣ нақши калидӣ доранд. Аз ҳамин сабаб дастрасӣ ба интернет ва алоқаи мобилӣ яке аз ниёзҳои муҳими инсон дар замони муосир ба шумор меравванд. Имрӯз аксари корҳоро бе истифодаи интернет ва алоқаи мобилӣ тасаввур карда намешавад. Барои дастрасӣ ба интернет ва алоқаи мобилӣ бо ташкилотҳое, ки хизматрасониро дар ҳамин соҳаҳо мерасонанд бастан зарур аст.

Барои дастрасӣ ба интернет дар Тоҷикистон пеш аз ҳама ба провайдерони интернет муроҷиат кардан зарур аст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд интернет-провайдерони фаъол мебошанд: ҶДММ "Исател", ҶДММ "Тоҷнет", ҶСП "Индиго Тоҷикистон", ҶДММ "Вавилон -Т", ҶСП "ТТ Мобайл" ва ғайра. Провайдерони мазкур дар асоси иҷозатномаҳои дахлдори Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунанд.

Онҳо одатан барои пайваст намудани муштариён ба интернет шартномаҳои ҳамроҳшавӣ омода мекунанд. Шартномаҳои мазкур дар асоси талаботи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи алоқаи барқӣ" аз 10.05.2002 ва Қоидаҳои фароҳамоварии хизматрасонии Интернет дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 августи соли 2001 № 389 тасдиқ шудааст омода гардида, манзури муштариён мегардад.

Мувофиқи талаботи банди 12 Қоидаҳои мазкур, провайдер қабл аз бастани шартнома бо абонент ӯҳдадор аст оид ба масъалаҳои зерин маълумоти дуруст пешниҳод намояд:

хизматҳое, ки провайдер мерасонад;

тарифҳо барои ин хизматрасониҳо;

тартиби пайвастан ба хизматрасонӣ;

қоидаҳои фароҳамоварии хизматрасонии интернет;

имкониятҳои техникии шабакаҳои таҳвили маълумот;

сифати хизматрасонӣ.

Чуноне дар боло зикр кардем, дар қонунгузорӣ ҳолатҳое ҳастанд, ки бастани шартнома дар шакли хаттӣ талаб карда мешавад. Айнан чунин талабот дар банди 13-и Қоидаҳои фароҳамоварии хизматрасонии Интернет дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст. Шартнома байни провайдер ва абонент бояд дар шакли хаттӣ тартиб дода шавад ва инҳоро дар бар гирад:

-номгӯйи хизматҳои расонидашаванда ва арзиши онҳо;

- ӯҳдадориҳои провайдер;

- ӯҳдадориҳои абонент;

- системаи ҳисоббаробаркунӣ байни провайдер ва абонент;

- масъулияти тарафҳо;

- мӯҳлати амали шартнома ва шартҳои бекор кардани он;

- ҳаллу фасли баҳсҳо;

- дигар шартҳое, ки қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ менамояд.

Новобаста аз ҳуқуқ ва уҳдадориҳое, ки дар шартнома байни провайдер ва абонент муайян шудааст, инчунин дар Қоидаҳои фароҳамоварии хизматрасонии Интернет як зумра ҳуқуқ ва уҳдадориҳо муайян шудааст.

*Дар банди 15-и Қоидаҳои фароҳамоварии хизматрасонии Интернет уҳдадориҳои провайдер чунин муайян шудааст:*

а) фаъолияти худро мутобиқи ин Қоидаҳо анҷом диҳад;

б) корҳо ва пешниҳоди хизматрасониро мутобиқи шартномаҳои бо абонентҳо басташуда иҷро намояд;

в) иттилоот, таъминоти барномавӣ ва дигар маҳсулоти дорои хусусияти иттилоотиро ҳифз намояд;

г) маҳдуд сохтани воридшавӣ ба иттилооти ҳифзшуда ва хизматиро таъмин намояд;

д) нигоҳдорӣ, ягонагӣ, ҳифз ва амнияти иттилоотӣ дар сервери провайдер ҷойгиршудаи абонент, инчунин ҳифзи воридшавии беиҷозати таъминоти барномавии шабакавӣ ва захираҳои иттилоотии абонентҳоро таъмин намояд, ба вайрон гардидани махфияти ахборот роҳ надиҳад. Иҷозати воридшавӣ ба мазмун ва реквизитҳои ахбороти электронӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо ба мақомоти амният ва ҳифзи ҳуқук метавонад дода шавад;

е) хусусиятҳои воридшавӣ ба шабакаҳои таҳвили маълумотро ба дигар ташкилотҳо ё шахсони воқеӣ надиҳад, махфияти онҳоро таъмин намояд;

ж) воридшавии бемонеаи объектҳои худро ба кормандони Бозрасии давлатии алоқаи Вазорати алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон,мақомоти амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои давлатии дорои ҳуқуқҳои дахлдор таъмин намояд, бо дархости онҳо иттилооти дар доираи салоҳияти онҳо қарордоштаро пешниҳод намояд, саривақт дастурҳои онҳоро иҷро кунад;

з) ҳисоббаробаркуниҳоро бо абонентҳо барои фароҳам овардани хизматрасонӣ мутобиқи шартнома анҷом диҳад, бо дархости абонент оид ба ҳолати ҷории ҳисоббаробаркуниҳои мутақобила маълумот муҳайё созад;

и) бо тартиби муқарраргардида шикоятҳои абонентро баррасӣ намояд. Ҳангоми ба миён омадани баҳсҳои молиявӣ ба истифодабаранда иттилооти муфассалро оид ба истифодаи Интернет пешниҳод намояд;

к) абонентро пешакӣ дар ин хусус огоҳ созад:

- қатъ намудани он аз шабакаи таҳвили маълумот ҳангоми аз ҷониби абонент риоя нагардидани шартҳои шартнома ё Қоидаҳои фароҳамоварии хизматрасонии Интернет ё бо сабабҳои вобаста ба вазъияти фавқулодда;

- тағйир додани номгӯйи хизматҳои расонидашаванда, тартиб ва шартҳои расонидани хизматҳо;

- тағйир додани тарифҳо барои хизматрасонӣ;

- тағйири низоми кор;

- тағйир ёфтани реквизитҳои суроғавии абонент;

л) аз абонент риояи Қоидаҳои фароҳамоварии хизматрасонии Интернетро талаб намояд.

Мувофиқи банди 16-и ҳамин қоидаҳо провайдер ҳуқуқ дорад:

бо тариқи суд амали шахсонро барои маҳдуд намудани фаъолияти ӯ, агар тавассути ин амалҳо ҳуқуқҳои он вайрон шуда бошанд, шикоят намояд;

шартномаро қатъ намояд ё амали шартномаро бо абонент дар ҳолатҳо ва тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартнома боз дорад.

*Тибқи банди 17-и Қоидаҳои фароҳамоварии хизматрасонии интернет абонент ӯҳдадор аст:*

а) шабакаи таҳвили маълумотро барои таҳвили маълумоте, ки сирри давлатӣ ва дигар сирре, ки қонун онро ҳифз мекунад, истифода накунад;

б) тавассути шабакаи таҳвили маълумот ахборотеро, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон паҳн кардани онҳоро манъ намудаанд, паҳн накунад;

в) паҳн намудани маводи аз шабакаҳои таҳвили маълумот бадастовардаро, агар он бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқобил бошад, истифода набарад;

г) барои воридшавии ғайриқонунӣ ба захираҳои шабака ва шикастани ҷузъҳои муҳофизатии шабака иқдом накунад, ҳамлаҳои шабакавӣ (инчунин таъсиси трафики паразитӣ) ва ҳамчунин дигар амалҳоеро, ки метавонанд фаъолияти мӯътадили қисмҳои шабакаро вайрон кунанд, анҷом надиҳад;

д) тариқи шабакахо маълумотеро, ки шаъну эътибори абонент ва операторҳои шабакаро таҳқир менамояд, паҳн накунад;

е) ба таври оммавӣ ба ҳар тараф фиристодани ахбори электронии пешакӣ мувофиқа нагардидаро (spam) анҷом надиҳад, ҳамчунин ба гирандагоне, ки қаблан барои дарёфти ин ахбор хоҳиш накарда буданд, ахбор нафиристад;

ж) дар шабакаҳои таҳвили маълумот ҳамагуна ахбор ё таъминоти барномавиеро, ки ба таври ошкоро дар худ вирусҳои компютерӣ ё дигар ҷузъҳои барои шабакаҳо зиёновар доранд, ба каси дигар надиҳад, нафиристад, аз нав ҳосил ё паҳн накунад;

з) ҳуқуқҳои шартномавии пешниҳоди хизматрасонии шабакаи таҳвили маълумотро ба шахсони сеюм надиҳад;

и) барои хизматрасониҳои пешниҳодгардида сари вақт пардохт ворид намояд;

к) провайдерро аз ҳолатҳои зерин огоҳ намояд:

- дар хусуси тамоми нодурустиҳои система ва таъминотн барномавӣ;

- дар хусуси тағйир ёфтани реквизитҳои худ;

- дар хусуси катъ гардидани амали шартнома бо тартиби яктарафа доир ба ин на дертар аз як моҳ огоҳ намояд;

л) тамоми шартҳои шартномаи бо оператор (провайдер) басташударо иҷро намояд.

Дар банди 18-и Қоидаҳои фароҳамоварии хизматрасонии Интернет ҳуқуқҳои абонент чунин муқаррар шудааст:

а) мутобиқи шартнома аз хизматрасониҳои провайдер истифода намояд;

б) ҳангоми иҷро нагардидан ё иҷроиши нокифояи ӯҳдадориҳои ӯ тибқи шартнома ба провайдер эътироз баён намояд ва мутобиқи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври зарурӣ иҷро гардидани ӯҳдадориҳои тибқи ин шартнома ба зиммаи худ гирифтаро талаб намояд;

в) бо тартиби пешбининамудаи боби 28 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон шартномаро бо провайдер бекор намояд;

г) дар ҳолате, ки агар провайдер шартҳои шартномаро қатъиян риоя накунад ва дар натиҷа сифати хизматрасониҳои пешниҳодгардида бад шавад, абонент ҳуқуқ дорад бо хоҳиши худ инҳоро талаб намояд:

- ба таври ройгон бартараф намудани камбудиҳои муқарраргардида;

- мутобиқан кам кардани андозаи пардохти корҳои иҷрошуда ва (ё) хизматрасониҳои пешниҳодгардида;

- иҷрои такрории корҳо ва (ё) хизматрасониҳои пешниҳодгардида бе пардохти иловагӣ;

- ба ивази чунин корҳои ва (ё) хизматрасониҳои пешниҳодгардида хизматҳои дорои хусусиятҳои истеъмолии шабеҳро иҷро намояд;

- қатъ намудани шартнома бо ҷуброни пурраи зарарҳои расонидашуда;

д) ба суд аз амалҳои провайдер, шахсони дигар барои маҳдуд намудани фаъолияти абонент, агар тавассути ин фаъолиятҳо ҳуқуқҳои он вайрон гардида бошанд, шикоят намояд.

Дар шартнома тарафҳо метавонанд боз ҳуқуқ ва уҳдадориҳои дигарро мувофиқ ва имкон ва манфиаташон муқаррар намоянд. Одатан дар чунин шартномаҳо ба масъалаҳои филтрнамоӣ, ҳифзи маълумоти шахсӣ, ҳолатҳои истисноии ҷавобгарӣ ва дигар масъалаҳо аҳамият дода мешавад. Масалан, дар шартномаи хизматрасонии алоқаи ширкати Мегафон барои ширкат чунин ҳуқуқ муайян шудааст: Филтратсия ё муҳосираи фазои нишониро истифода намояд ва дастрасии Муштариро ба ин ё он фрагмент, объект, манбаҳои иттилоотӣ ва хизматрасониҳои шабакаи интернет (суроғаҳо, расонаҳо, серверҳо, конфронсҳои телевизионӣ, рӯйхати ирсолҳо ва ғ.) ҳам дар Тоҷикистон ва ҳам дар хориҷи кишвар маҳдуд намояд. Маҳдудкуниҳо ҳамчунин дар ҳолатҳое низ ворид карда мешаванд, ки агар таҷрибаи истифодабарии манбаҳои дахлдор, қоидаҳои умумқабулгардидаи истифодабарии шабакаи Интернетро халалдор намояд.

Хизматрасонии алоқаи мобилӣ низ дар замони муосир ниҳоят васеъ паҳн гашааст ва он ҷиҳати истифодаи технологияҳои рақамӣ мусоидат менамояд. Аксари ширкатҳо хизматрасониҳои интернетӣ ва мобилиро дар маҷмӯъ анҷом менамоянд. Яъне, тавассути як шартнома ҳам хизматрасонии алоқаи мобилӣ ва хизматрасонии дастрасӣ намудан ба интернетро амалӣ менамоянд.

**Шартномаҳое, ки тавассути технологияҳои рақамӣ баста мешаванд**

Айни замон бо истифода аз телефон, компютер, интернет шумораи зиёди шартномаҳо баста мешавад, ки онҳо барои қонеъ намудани талаботи гуногуни шахсон мусоидат менамоянд. Бастани шартномаҳо тавассути ин технолгияҳо ҳолатҳои ба худ хос дорад.

**Шакли шартнома.** Чуноне дар боло зикр кардем, дар қонунгузорӣ ду шакли бастани шартнома пешбинӣ шудааст: шифоҳӣ ва хаттӣ. Шакли электронӣ дар Кодекси граждании ҳамчун шакли алоҳида муқаррар нашудааст. Балки шартномаҳое, ки дар шакли электронӣ баста мешаванд, онҳо метавонанд хаттӣ ё шифоҳӣ баста эътироф шаванд. Масалан, ҳангоме, ки тарафҳо тавассути телефон бо ҳам дар тамос шуда, шартнома мебанданд, он хусусияти шифоҳӣ доранд. Аммо вақте тарафҳо тавассути почтаи электронӣ шартнома мебанданд, пас шартномаи онҳо хусусияти хаттӣ дорад.

**Тарафҳо дар шартнома.** Тарафҳо дар шартномаҳое, ки тавассути воситаҳои электронӣ баста мешаванд, айнан ба мисли шартномаҳои муқаррарӣ мебошад. Аммо яке аз нозукиҳои масъала дар ин самт:

А)Тарафҳо на ҳама вақт дақиқ мебошанд. Масалан, дар интернет ҳангоми бастани шартнома тарафи дигарро дақиқ кардан душвор аст. Шахс шояд бо номи сохтааш шартнома бандад, ки ин мушкилоти калонро метавонад ба миён оварад.

Б) Ҳангоми бастани шартнома ҳатман провайдерҳо ширкат менамоянд. Провайдерон воситаи алоқаро таъмин менамоянд, то ин ки тарафҳо шартномаро банданд.

Ҳангоми бастани шартнома тавассути технологияҳои рақамӣ истифодаи имзои рақамӣ нақши калидӣ дорад. Яъне тавассути он тарафҳоро даққиқ кардан мумкин аст.

Қонуни Ҷумҳурии  Тоҷикистон "Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ" имконияти бо ҳуҷҷати электронӣ бастани шартномаҳоро эътироф кардааст (моддаи 2). Дар ин сурат шартномаи электронӣ дар навбати худ ҳуҷҷати электронӣ ба шумор меравад.

Усулҳои бастани шартномаҳо тавассути воситаҳои электронӣ чунин тавсиф додан мумкин аст:

Шартномаҳое, ки тавассути "зер (клик)"- гузорӣ баста мешаванд. Масалан, замоне ки мо ягон барномаро аз интернет дар таҷҳзоти худ сабт карда мегирем, ҳангоми сабт ё насб кардани он ба мо шартномаи иҷозатномавиро манзур менамояд ва мо ба он маъмулан розигӣ дода, нуктаи "ман розиям"-ро зер менамоем. Ҳамин тавр шартнома байни мо ва соҳибҳуқуқи барномаи компютерӣ баста мешавад.

Шартномаҳое, ки тавассути мубодилаи мақсаду маром тавассути воситаҳои электронӣ баста мешаванд. Масалан, тавассути вайбер, имо, почтаи электронӣ тарафҳо ба ҳамдигар расми молро интиқол дода доир ба арзишаш ба созиш меоянд. Ин ҳолат ҳам шартномаи хариду фуруши мол (агар он тасдиқи нотариалиро талаб накунад) басташуда эътироф мешавад.

Шартномаҳое, ки тавассути амали қабули оферта сурат мегирад. Масалан, мо дар интернет маводеро бо иҷозатномаи Creative commons мебинад ва онро мутобиқ ба шарташ гирифта тарҷума ва нашр менамояд.

Ҳамин тариқ, бо истифода аз технлогияҳои рақамӣ имконияти бастан ва иҷроиши шартномаҳо васеъ шуда истодааст. Ва ҳалли масъалҳои ҳуқуқии марбут онҳо аз ҳолатҳои мушаххаси муносибатҳои шартномавӣ вобаста аст.

## Масъалаҳо

**Масъалаи №1.** Аҳмад дар somon.tj  расми автомобилашро ҷойгир намуда, маълумотҳои техникии онро пурра навишт ва ҳамзамон нархашро ҳам ба 100 000 сомонӣ навишт. Самад автомобили мазкурро маъқул шуморида, аз шаҳри Хуҷанд барои харидории он ба Ҳисор омад. Аммо Аҳмад ҳангоми савдо аз фикраш гашта, автомобилашро нафурухт. Самад аз Аҳмад барои чунин амал ҷуброни хароҷоти роҳ ва ҷуброни сарфи вақташро талаб намуд. Ба муносибати байни Аҳмад ва Самад баҳои ҳуқуқӣ диҳед (бо истинод ба санади меъёрию ҳуқуқӣ).

**Масъалаи №2.** Аҳмад бо провайдери интерент доир ба хизматрасонии интернет шартнома баст. Дар шартнома навишта шудааст, ки провайдер ҳақ дорад, ҳар замоне ки мушкилоти техникӣ пайдо мешавад, бе огоҳӣ таъмини интернетро қатъ намуда, мушкилотҳои техникиашро ҳал намояд. Аҳмад ба ин банд розӣ нашуда, эрод гирифт. Аммо провайдер асос пеш овард, ки мушкилотҳои техникӣ дар шаҳр бинобар сабаби сохтмонҳо хеле зиёд аст ва ҳар замон метавонад ба вуҷуд оянд.

Бинобар ин провайдер имкони ҳар замон пешагӣ огоҳ карданро ба муштариён надорад. Баҳси байни провайдер ва Аҳмадро баҳои ҳуқуқӣ диҳед (бо истинод ба санади меъёрию ҳуқуқӣ).

## Тестҳо

**№1. Шартномаҳоро метавон шифоҳӣ баст, ба ғайри чунин ҳолатҳо:**

А) Агар худи тарафҳо ба хулоса омада бошанд, ки шартномаи байни онҳо хаттӣ баста шавад;

Б) Агар қонун талаб намояд, ки шартнома бояд бо таври хаттӣ баста шуда дар нотариус тасдиқ карда шавад;

В) Агар қонун талаб намояд, ки шартнома бо шакли хаттии оддӣ баста шавад, вагарна беэътибор аст;

Г) Ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

**№2. Шартнома дар ҳолатҳои зерин ҳатман дар шакли хаттии оддӣ баста мешавад:**

А) Агар байни шахсони ҳуқуқӣ баста шавад;

Б) Агар байни шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ баста шавад;

В) Агар байни шаҳрвандон ба маблағи зиёда аз 20 нишондиҳанда барои ҳисобҳо баста шавад;

Г) Ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

**№3. Шартномаро мутобиқи аризаи яке аз тарафҳо дар ҳолатҳои зайл тағйир додан ё бекор кардан мумкин аст:**

А) Агар иҷрои шартнома имконнопазир бошад;

Б) Аз ҷониби тарафи дигар вайрон кардани шартҳои пешбининамудаи қонунҳо ё шартнома дар мавриди сифат, мӯҳлати иҷро ва дигар шартҳо;

В) Агар тарафи дигар тибқи тартиби муқарраргардида муфлис эътироф шуда бошад;

Г) Ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

**№4. Кадоме аз ин уҳдадориҳои провайдер намебошад?**

А) Корҳо ва пешниҳоди хизматрасониро мутобиқи шартномаҳои бо абонентҳо басташуда иҷро намояд;

Б) Иттилоот, таъминоти барномавӣ ва дигар маҳсулоти дорои хусусияти иттилоотиро ҳифз намояд;

В) Маблағи абонентиро пардохт намояд.

Г) Маҳдуд сохтани воридшавӣ ба иттилооти ҳифзшуда ва хизматиро таъмин намояд.

**№5. Абонент уҳдадор аст провайдерро аз ҳолатҳои зерин огоҳ намояд:**

А) дар хусуси нодурустиҳои система ва таъминоти барномавӣ;
Б) дар хусуси тағйир ёфтани реквизитҳои худ;
В) дар хусуси катъ гардидани амали шартнома бо тартиби яктарафа доир ба ин на дертар аз як моҳ огоҳ намояд;
Г) Ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

## Саволҳои кори хаттӣ:

- Мафҳум ва моҳияти шартнома.
- Шакли шартнома.
- Татиби бастан, тағйир додан ва бекор кардани шартнома.
- Намунаи шартномаи хизматрасонии алоқаи мобилиро дастрас намуда, таҳлил намоед.
- Намунаи шартномаи хизматрасонии интернетиро дастрас намуда, таҳлил намоед.

## Саволҳои худсанҷишӣ

Шартнмома чист?

Шартнома тавассути почтаи электронӣ, вайбер ва имо басташуда эътибор дорад?

Дар кадом ҳолат шартнома шифоҳӣ баста мешавад?

Дар кадом ҳолат шартнома хаттӣ баста мешавад?

Дар кадом ҳолат шартнома нотариалӣ баста мешавад?

Ҳуқуқу ухдадориҳои провайдерро номбар намоед.

Ҳуқуқу ухдадориҳои абонентро номбар намоед.

## Адабиёт

Ҳуқуқи гражданӣ қисми II / дар зери таҳияи узви вобастаи АУ ҶТ, доктори илми ҳуқуқ, профессор О.У.Усмонов. Душанбе, 2003.

Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи алоқаи барқӣ” аз 10.05.2002.

Қоидаҳои фароҳамоварии хизматрасонии Интернет дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 августи соли 2001 № 389 тасдиқ шудааст.